Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Мавзӯи аз ҷониби Ашурзода Ҷ.Х. таҳқиқгардида дар шароити муосири давлатдории навин ва махсусан дар раванди таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар қисми аввали автореферат низ муаллиф муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи интихобшударо хеле хуб асоснок намудааст. Чунончи, иброз мегардад, ки «ифротгароии динию сиёсӣ яке аз омилҳои хатарзо ва зуҳуроти манфие мебошад, ки дар таҳкими давлатдории миллӣ ба таври ҷиддӣ халал мерасонад». Воқеан ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият падидаи ифротгароии динию сиёсӣ ба суботи сиёсии кишвар халал расонида, минбаъд ба таври муташаккил дар доираи фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ доман паҳн намудааст. Айни замон низ хатари таъсири манфӣ расонидани ифротгароии динию сиёсӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон дида мешавад. Махсусан, дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 фаъолнокии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоию сомонаҳои интернетӣ бештар гардида, таъсири онҳо дар шакли таҳдидҳои иттилоотӣ зоҳир шуда истифодаанд. Гузашта аз ин, тӯли ду даҳсолаи охир терроризм ва ифротгароии динию сиёсӣ аз ҷониби баъзе давлатҳои манфиатдор ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои стратегии онҳо истифода шуда истодааст. Аз ин рӯ, мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар таҳқиқоти пешниҳодгардида хавфу хатари ифротгароӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон хеле хуб нишон дода шудааст. Оқибатҳои ногувори он барои суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин, дар баробари хавфу хатари ифротгароӣ таҳлилу таҳқиқ ва муайян намудани

сабабҳои пайдоиши он низ хеле муҳим аст. Чунин баррасӣ дар таҳқиқоти Ашурзода Ҷ.Х. дида мешавад, ки аҳамияти илмии рисолаи ӯро боз боло бурдааст. Дар маҷмӯъ, вазъи мавҷудаи амниятӣ, дурнамои таъмини амнияти миллӣ, эҳтимоли афзоиш ёфтани ифротгароии динию сиёсӣ ва оқибатҳои ногувори он барои суботи сиёсии кишвар бори дигар гувоҳи онанд, ки масъалаи таҳқиқгардида мавзӯи хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Дар таҳқиқоти Ашурзода Ҷ.Х. паҳлуҳои гуногуни ифротгароии динию сиёсӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ моҳияти ифротгароии динию сиёсиро нишон дода, омилҳои сиёсӣ ва унсурҳои сиёсии зоҳиршавии онро асоснок намудааст. Дар идомаи таҳқиқоти муаллиф омилҳое таҳлил гардидаанд, ки ҳамчун сабаби пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ муаррифӣ шудаанд. Аз ҷумла сиёсишавии дин ва қишрҳои осебпазири ҷомеа омилҳои асосии паҳншавии ифротгароии динӣ муаррифӣ шудаанд. Муаллиф дар боби алоҳидаи таҳқиқот зуҳуроти ифротгарой ва сабабҳои пайдоиши онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода, дурнамои муқовимат бо ин падидаи номатлубро баррасӣ намудааст. Хулосаҳои муаллиф бо далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд. Аз ин рӯ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар илмияти хулосаҳо ва сарчашмаҳои истифодашуда ифода меёбанд.

Дар шароити муосир ғояҳои ифротгароии динию сиёсӣ асосан дар миёни ҷавонон паҳн карда мешаванд. Омилҳое, ки барои паҳншавии ғояҳои ифротгарой мусоидат менамоянд, гуногунанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои мазкурро аз инҳо иборат донистан мумкин аст: муҳоҷирати ҷавонон ба кишварҳои хориҷӣ, махсусан ба Федератсияи Россия. Ҷавонони дар муҳоҷират қарордошта аз лиҳози таъсири ифротгароии динию сиёсӣ бештар осебпазир мебошанд. Инчунин таҳсили ҷавонон дар кишварҳои исломӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ин кишварҳо низ хавфи ба гурӯҳҳои ифротгарой ва террористӣ пайвастани онҳоро зиёд менамояд. Инчунин рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири бештар мерасонанд. Зеро ифротгароён дар раванди фаъолиятҳои таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар чунин шароит киберэкстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамчун технологияи назарфиребӣ ба осонӣ ба мушоҳида мерасад. Инчунин омили дигаре, ки хавфи паҳншавии ифротгароии динию сиёсиро дар миёни ҷавонон бештар намудааст, ин давраи гузариш мебошад. Дар давраи гузариш ҷавонон дар интихоби арзишҳо ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин раванд ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ

ба ҷаҳонбинии ҷавонон таъсиррасонӣ намуда, интихоби онҳоро дар самти нодуруст равона менамоянд, ки дар натиҷа онҳо ба арзишҳои исломи тундгаро афзалияти бештар медиҳанд.

Зуҳури ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба амал омадааст. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои берунӣ аз омилҳои дохилӣ дида таъсири манфии бештар доранд ва дар аксар маврид ангезаи пайдоиши омилҳои дохилӣ ба шумор мераванд. Ба омилҳои берунӣ, пеш аз ҳама, минтақаҳои низоии ҷаҳони ислом, аз қабили низоъҳои Сурия, Ироқ, Афғонистон, Покистону Ҳиндустон ва ғайраҳо шомил намудан мумкин аст. Маҳз дар зери таъсири низоъҳои мазкур барои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳоиифротгароӣ ва террористӣ шароити мусоид фароҳам меояд. Гузашта аз ин, бархӯрди манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳо низ сабаби пайдоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ мегарданд. Қариб, ки ҳамаи ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар раванди амалигардонии манфиатҳои геополитикии давлатҳои мушаххас ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои геостратегии худ истифода бурда мешаванд. Аммо дар радифи омилҳои берунӣ, инчунин як қатор масъалаҳои дохилие низ мавҷуданд, ки барои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ шароит фароҳам месозанд. Пеш аз ҳама, дар давраи гузариш қарор доштани соҳаҳои гуногуни кишвар, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани қисме аз ҷавонони кишвар, дар ҳоли рушд қарор доштани иқтисодиёт, мавҷудияти мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ, бекорӣ ва монанди инҳо омилҳое мебошанд, ки одамонро ба доми ифротгароён гирифтор менамоянд. Созмонҳо ва ҳаракатҳои ифротӣ аз чунин қишрҳои осебпазир истифода намуда, ба зеҳну тафаккури онҳо таъсиргузорӣ менамоянд ва руҳияи тундгароии онҳо ба вуҷуд меоваранд. Чунин вазъият хоси Тоҷикистон низ мебошад, ки барои пешгирӣ намудани он, пеш аз ҳама, ҳалли масъалаҳои дохилиро бояд роҳандозӣ намояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда шаванд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд. Инчунин тавсияҳои амалии муаллиф барои сохторҳои қудратӣ дар самти мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ мусоидат менамоянд.

Ба муаллиф тавсия менамоем, ки дар таҳқиқоти ояндаи худ ба масъалаи паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва киберэкстремизм диққати бештар диҳад. Зеро ин навъи фаъолияти экстремистӣ тӯли солҳои охир бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, муайян

намудани роҳу воситаҳои пешгиринамоии он хеле зарур дониста мешавад. Дар таҳқиқоти муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳи камтар дода шудааст.

Аммо дар маҷмӯъ, кори илмии Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир бахшида шуда, дар самти мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз рӯйи мазмуну мундариҷаи таҳқиқот гуфтан мумкин аст, ки он бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия бо риояи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки муаллифи кори илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
декани факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Н.Д.

Имзои дотсент Маҳмадизода Н.Д.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ.
Тавқиев Эмомалӣ ______________

Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: +992 918997090
E-mail: nozim2985@mail.ru